# ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКӢ-ҚИЁСИИ ВОЖАҲОИ СОҲАИ УРФУ ОДАТҲОИ МАРДУМШИНОСӢ ДАР ЛАҲҶАИ ТОҶИКОНИ ХУФАРИИ НОҲИЯИ САРИОСИЁ

**Азиза Хайруллоевна Шукурова**
Докторанти соли аввали кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии донишгоҳи давлатии Самарқанд

**АННОТАТСИЯ**

Дар мақолаи мазкур дар бораи таҳлили лексикӣ-қиёсии вожаҳои соҳаи урфу одатҳои мардумшиносии тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ва тафовути лаҳҷаи ин сарзамин аз забони адабии тоҷик маълумот дода мешавад. Аз қадимулайём чун дигар тоҷикони гӯшаву канори воҳаамон тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё низ лаҳҷаи ба худ хосро доро буда, асрҳои аср он аз насл ба насл гузашта, то ба имрӯз бо тағъиротҳои гуногун ба мо омада расидаанд. Аммо бо вуҷуди ин тағъирёбиҳо, тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё, ки қисми бештарашон дар кӯҳистон зиндагонӣ мекунанд, лафзи софи тоҷикии хешро пурра маҳфуз нигоҳ доштаанд. Вожаҳои соҳаи урфу одатҳои мардумшиносӣ дар лаҳҷаи тоҷикони ин диёр хеле серистеъмол мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз хостам, ки мақолаи илмии хешро ба мавзӯи мазкур бахшида, оиди ин мавзӯъ маълумоти муфассал диҳам.

**Калима ва иборахои такягоҳ: урфу одат, соҳа, Сариосиё, хуфарӣ, тоҷикон, маросимҳо, лаҳҷа.**

## МУҚАДДИМА

Имрӯзҳо мо гувоҳи он мегардем, ки дар саросари кишвари маҳбуби соҳибистиқлоламон, яъне Ӯзбекистони ҷаннатмакон оид ба пос доштани арзишҳои миллӣ, урфу одатҳо ва омӯхтани шеваю маҳалҳои ҳар як диёр, пайдоиши он, тафовути онҳо аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як қатор корҳои илмӣ бурда истодаанд. Мо низ тасмим гирифтем, ки дар бораи таҳлили лексикӣ-қиёсии вожаҳои соҳаи урфу одатҳои мардумшиносии яке аз деҳаҳои дурдасти ноҳияи Сариосиё, яъне маҳаллаи кӯҳистони Хуфар, ки аз маркази ноҳия бо 7 км дурӣ ҷойгир шудааст, маълумот диҳем ва бо баробари ин тафовути лаҳҷаи ин диёрро аз забони адабӣ баён созем...

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ:**

Ҳадафу мақсади мақолаи илмии мо баррасии таҳлили қиёсӣ-лексикии вожаҳои мардумшиносии лаҳҷаи мардуми тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё аз муқоиса бо забони адабии тоҷик ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аст. Инчунин дар ин ҷода кӯшиш намудем, ки тафовути лаҳҷаҳоро вобаста ба қисмати ҳамворзамин ва кӯҳистони ин сарзамин аз забони адабии тоҷик ва дигар маҳалҳои тоҷикнишин муайян сохта, гӯйиши хоси вожаҳои мардумшиносии лаҳҷаи ин диёрро нишон дода, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳем. Дар мақолаи илмӣ таҳлили қиёсии вожаҳои мардумшиносии тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё бори нахуст дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Барои баррасӣ намудани мақсаду моҳияти маҷвзӯъ ва нишон додани ҷавҳари асосии он мо пеш аз ҳама ба принсипи таҳлили муқоисавӣ такя намудем. Зеро ҷанбаъҳои

асосии тадқиқоти илмӣ татбиқи ҳамин методро тақозо менамояд. Маҳз бо воситаи методи муқоисавӣ, таҳлил ва тасвири лингвистикии калима ва таркибҳои хоси шеваи ин сарзаминро қиёс намуда, монандӣ ва тафовути онро аз забони адабӣ муайян кардан мумкин аст. Бинобар ин методи мазкур дар тадқиқу хулосагириҳои масолеҳи умдаи кори хатмӣ аз роҳҳои дурусту пурсамари пешгирифтаи мо мебошад. Ҳамчунин дар ин мақолаи илмӣ аз равишҳои умумилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ ва усулҳои махсуси таҳлили лексикӣ-қиёсӣ, таҳлили лингвистикӣ, таҳлили тафсири луғавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Объектҳо ва манбаҳои таҳқиқ:**

Маводи ин рисола аз деҳоту шаҳраки ноҳияи мазкур аз шиносоӣ бо мардуми маҳаллӣ, дар ҷараёни мушоҳидаи анъанаи урфу одатҳо, қадриятҳои миллӣ дар ҷаммъомадҳои маҳаллӣ аз ҷониби муаллиф ҷамъ оварда шудааст. Чун манбаи тадқиқ маводи ҷамъовардаро дар асоси сӯҳбат ва мушоҳида аз гӯйиши мардум, ривояту нақлҳо аз даҳони кӯҳансолони деҳа гирд оварда, ба гурӯҳи лексикӣ-қиёсӣ тасниф намудем. Вобаста ба маводи гирдоварда хусусиятҳои хоси забонии гӯйиши тоҷикони хуфарии мардуми Сариосиё аз ҷиҳати овозӣ, лексикӣ-қиёсӣ баррасӣ гардид. Ғайр аз ин муаллифи ин сатрҳо дар яке аз деҳаҳои ҳамин ноҳия (Чорбоғ) зиндагонӣ мекунад.

Инчунин омӯзиш, қиёс ва таҳлили асарҳои олимони рус, ӯзбек ва тоҷик аз ҷумла: В.В.Григорев, А.А.Семёнов, М.С.Андреев, М.Эшниёзов, Д. Ҳомидов низ барои ин тадқиқоти илмӣ баррасӣ гардидааст.

Лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё низ чун лаҳҷаҳои мустақили шимолӣ тӯли асрҳост, ки ривоҷ ёфта борҳо аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ ва дигар тағъир ёфта омадааст. Ва то кунун дар хеш шаклу маъниҳои гуногунро муҷассам кардааст. Аз дохили луғатҳои ҷамъовардаи хеш чунин калимаҳоеро дучор намудем, ки аз қадим то замони имрӯз хоси лаҳҷаи ин сарзамин буда, ҳоло низ мавқеи худро гум накардааст. Аз маводҳои дастовардаамон маълум гардид, ки таркиби луғавии Сариосиё хеле бой ва рангоранг буда, таи асрҳои зиёд то ба имрӯз ба мо расида омадаанд. Ҳоло бошад чанде аз намунаҳое, ки хоси лаҳҷаи ин диёр буда, тӯли асрҳо то ба имрӯз маҳфуз монда омадаанд ва ҳоло низ мардуми тоҷикони хуфарии ин диёр истифода мебаранд, пешкаши шумо меорем:

“Пушту камар”- авлод, “сурук” – гурӯҳ, гала, “тӯридан”- рамидан, “мактав”- мактаб, “митир”-метр, “инқотӣ” – инвақтӣ, “гурум”- сӯҳбат, “гулла”- гулӯ, “алдараш”- аралаш, “майду талқон шудан”- сахт монда шудан, “мони бя”- бигзору биё, “ҳарра”- ғелон – ғелон, “лӯла”- тифл, кӯдак, “болорӯкӣ”- рӯ ба боло, “анголак”- манаҳ, ҷоғ, “гиргаштан”- давр задан, “ша-шарари”- бошитоб, тезтар, “якчиқот”- андаке, пас, “тевош”- зуд бош, тез бош, “гохел”- баъзе, “айҳо”- нидо барои ба назар нагирифтан, “лӯпонак”- одами фарбеҳ, “шаррокӣ”- новдон, тарнов, “ханнонак”- хандонак, “эранқаран”-махсус, “нонхурак”- хонтахта, “намози дига”- бегоҳӣ, “паллӣ не”- ягонта нест ва ҳоказо...

Лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё, ки яке аз лаҳҷаҳо шимолии вилояти Сурхондарё ба ҳисоб меравад, чун дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз нигоҳи луғат хеле бой ва гуногунранг мебошад. Ин гуногунрангӣ асосан дар мавҷуд будани вожаҳои архаистӣ, таърихӣ ва иқтибосӣ ба назар мерасанд. Дар таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё низ чун дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ду гурӯҳи калимаҳо амал мекунанд:

1. **Калимаҳои умутоҷикӣ (адабӣ)**
2. **Калимаҳои лаҳҷавӣ (диалект)**


ISSN 2181-2632 www.involta.uz

Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар лексикаи лаҷҷаи тоҷикони хуфарии Сариосиё фаровон истифода бурда мешаванд. Онҳо бо хусусиятҳои овозиву грамматикии худ лаҳҷаҳоро аз ҷиҳати хешутаборӣ бо дигар дигар лаҳҷаҳо мепайванданд. Аксари шевашиносон дар сари он ақидаанд, ки калимаҳои умумитоҷикӣ ва унсурҳои лаҳҷавии онро аз ҳам ҷудо бояд тадқиқ кард. Аз ҷумла шевашинос **М.Эшниёзов** дар ин бора мегӯяд: **“Агар системаи лексикаи лаҳҷаҳо дар муқоисаву муқобала омӯхта шавад, дар он сурат ҷудо намудани калимаҳои умумитоҷикӣ ва диалектизмҳои лексикӣ зарур аст.”**

Калимаҳои умумитоҷикӣ, ки яке аз сарчашмаҳои муҳими боигарии лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Сариосиё ба шумор меравaнд, аз рӯи намудҳояшон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

**Калимаҳои оид ба хешутаборӣ:** падар, оча, модар, бародар;

**Калимаҳои оид ба озуқаворӣ:** анбори хӯрок, орд, шир, ҷурғот;

**Калимаҳои оид ба дарахту меваҳо:** зардолу, олуболу, себ, анор, биҳӣ;

**Калимаҳои оид ба паррандаҳо ва хазандаҳо:** кафтар, майна, тортанак;

**Калимаҳо оид ба чорводорӣ:** буз, гӯсфанд, така, хар, асп, гов, гӯсола;

**Калимаҳои оид ба касбу инсонҳо:** духтур (духтур, табиб);

**Калимаҳои оид ба сабзавот:** памадур (помидор), қаланфур (қаламфур);

**Калимаҳои оид ба фаслу сол:** зимистон (зимистон), товистон (тобистон);

Иқтибосшавӣ аз як забон ба забони дигар яке аз роҳҳои бой гардонидани забон ба ҳисоб меравад. Забоншинос М.Н.Қосимова:

“Ҳар як забон бе унсурҳои иқтибосӣ аз забони дигар дуру наздик вуҷуд дошта наметавонад. Омилҳои аз дигар забонҳо иқтибосшавии калима ва таркибу ибораҳо дар ҳамсарҳад будан бо мамлакатҳои дигар (рафтуомад, хешутаборӣ, доду гирифт), тиҷорат, муносибатҳои дипломатӣ, пешрафти илму техника, тарҷумаи асарҳои халқҳои дигар ва амсоли ин” мебошанд. (Қосимова. 2003. “А” с. 90).

**Калимаҳои арабӣ** дар лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё низ зиёд буда, ба ин вожаҳои зерин метавонанд мисол гарданд:

**1. Калимаҳои ба касбу кор алоқамандбуда:** маълим (муаллим), домуло (домулло), касрат (одами бехосият, бепою қадам), оқил (олим), дарс (дарс);

**2. Калимаҳое, ки ба ашёҳои ғайришахс алоқаманд мебошанд:** садақа (садқа), хавар (хабар), моҷир (муҳоҷир);

**3. Калимаҳое, ки ба илму фарҳанг алоқамандӣ доранд:** мактаб, китоб, мачит (масҷид), майлис (маҷлис), шойир (шоир) ва ҳоказо...

Ғайр аз ин дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарии Сариосиё боз чунин калимаҳои туркӣ-ӯзбекиро дучор шудан мумкин аст:

**а) Калимаҳои оиди хислатҳои одамон:** чатоқ (дурӯғгӯй);

**б) Калимаҳои оиди хешутаборӣ:** таға, куда, қайнсингил (хоҳарарӯс), янга, хола, ака, опа;

**в) Калимаҳои ба соҳаи чорводорӣ мансуббуда:** байтал (аспи мода), бӯрдоқӣ (моли фарбеҳ);

**г) Калимаҳое, ки асбоби рӯзғорро ифода мекунанд:** қошуқ, қанор (ҷувол), ойлик (моҳона);

**д) Номҳои хӯрокворӣ:** қаймоғ (саршир), қайла (гӯшти яхна), талқун (тути

ордкарда);

**е) Номи дарахт:** тӯғ (дарахте мебошад, ки меваи зард дорад);

Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё низ чун дигар лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ ниҳоят серсоҳа буда, аз рӯи тақсими гурӯҳбандияшон ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

**а) Калимҳои ифодакунандаи асбоби рӯзгор, ҷавоҳирот, либосҳои занона ва зебу зинати онҳо;**

**б) Номи асбобу олоти рӯзгор аз ҷумла зарфҳо:** дег, чойник, дегча, тавақ (табақ), тағора (хамиркунӣ), тағора (ҷомашӯӣ), коса, пиёла, лаълӣ, тавақчаи хурд, лекиваи тунукагин ва ғайра.

Сару либоси пӯшоки занон ҳам қисми дигари лексикаи сару либосро ташкил карда, хусусиятҳои асосии он дар миллигии он мебошад. Аз сабабе, ки кӯрпаву болишт ва маҳсулотҳои дарздӯзӣ аз матоъ истифода бурда мешаванд.

**Ҳунармандӣ** низ яке аз соҳаҳои маъмулу машҳури мардуми Сариосиё мебошад. Мардуми тоҷикони инҷо аз қадим инҷониб асосан ба навъҳои зерини ҳунармандӣ шуғл меварзанд: попурдӯзӣ, урчуғбофӣ, кулолгарӣ, зардӯзӣ, дуредгарӣ, каштабофӣ, ҷуроббофӣ, ҷӯбкорӣ, зияпочабофӣ, сандуқсозӣ, қуроқдӯзӣ, кашидадӯзӣ, нақшу нигордӯзӣ чокдӯзӣ. Аз навъи ин намудҳои ҳунармандӣ бо мурури замон баъзеяшон камистеъмол гаштаанд, ки ба инҳо урчуғбофӣ, зияпочабофӣ, кулолгарӣ барин навъҳои ҳунармандӣ мисол шуда метавонанд.

Ба гурӯҳи вожаҳои лаҳҷавие, ки дар лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё оиди маросими тӯйи арӯсӣ мансубанд, инҳо дохил мешаванд:

**Ҷавчигӣ:** хостгорӣ рафтан, сарашро бастан, номзад кардан;

**Нооншиканӣ:** маросими нооншиканон, ки дар тӯйи фотиҳа гузаронида мешавад;

**Ризоёна:** ба сифати розигӣ хонаводаи келин дастархони хостгорҳоро қабул мекунад ва рамзи ризогӣ рӯймолчаи сафед медиҳад;

**Идӣ:** ҳадяест аз ҷониби хонаводаи домод дар рӯзҳои иду арафа бахри арӯс бар хонаводаи арӯсшаванда фиристода мешавад;

**Тӯқузбарон:** ин маросимест аз ҷониби хешу табори табори домод ба хонаводаи арӯс сару по, либосҳои нав ва матоъҳои зебо фиристода мешавад;

**Никоҳ (косаи об):** обе, ки пас аз хондани хутбаи никоҳ аз ҷониби домулло бар арӯсу домод нӯшонида мешавад;

**Қалин:** маблағи муайяне, ки аз ҷониби домодшаванда ба хонаводаи арӯс дода мешавад. Дар лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё онро **ширпулӣ** мегӯянд.

**Кайит:** ҳамаи сару по ва асбобу анҷоми рӯзгор, ки аз ҷониби падару модари арӯс ба фарзанди худ медиҳанд;

**Пояндоз:** матои махсусе мебошад, ки дар хонаи арӯс дар рӯзи тӯй зери пойи домод партофта мешавад;

**Арғамчинбандӣ:** анъанаест, ки аз ҷониби ҳамдеҳагони арӯс ҳангоми ба хонаи домод бурдани арӯс пеши роҳи онҳоро баста мешавад. Ба шарте, ки агар домодшаванда маблағи дилхоҳашонро диҳанд, арғамчинро мекушоянд ва барои бурдани арӯс роҳ мекушоянд;

**Рӯбинон:** ин маросиме мебошад, ки дар рӯзи тӯйи арӯсӣ баъди ба хонаи домод овардани арӯс гузаронида мешавад. Дар ин маросим аз ҷониби хонаводаи домод, яъне



ISSN 2181-2632 www.involta.uz

хешовандони наздики ӯ аввал ба арӯс ҳадяҳо дода мешавад. Сипас рӯи ӯро кушода мебинанд, ки дар лаҳҷаи мазкур ин маросимро рӯбинон мегӯянд.

**Домодталвон:** ин маросиме мебошад, ки баъд аз маросими тӯйи калон падару модари арӯс домод ва хешовандони ӯро ба хонадонашон даъват мекунанд ва ба онҳо зиёфат мероянд;

**Додаталвон:** ин маросиме мебошад, ки пас аз тӯйи арӯсӣ дар муддати дилхоҳи муайян падари арӯсро ба хонаи домод даъват мекунанд. Гӯё дар байни халқ то имрӯз чунин ақида вуҷуд дорад, ки то падари арӯсро наталванд, ӯ ба хонаи духтари хеш намеравад. Танҳо пас аз маросими “додаталвон” ӯ метавонад ба хонаи духтари хеш меҳмонӣ равад.

**Хулоса,** вожаҳои соҳаи урфу одат ва мардумшиносӣ дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарии Сариосиё хеле бой ва пуробуранг буда, дар давоми қарнҳои зиёде рушду нумӯъ ёфта то ба мо расида омадааст. Имрӯзҳо мардуми хуфарии ноҳияи Сариосиё, ки бисёрашон дар яке аз ҳудудҳои тоҷикнишини кӯҳистони Хуфар зиндагӣ мекунанд, аз ин вожаҳои шевагӣ, ки дар боло баён карда будем, ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар натиҷаи таҳқиқот дарк намудем, ки вожаҳои соҳаи уфу одатҳои мардумшиносӣ дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарии Сариосиё аз забони адабии тоҷикӣ тафовути зиёде надоштаанд. Ногуфта намонад, ки ин вожаҳо асосан ба маросимҳои миллӣ ва мардумшиносӣ вобастагии қавӣ дошта аз қадим инҷониб то замони имрӯз қадру манзалати хешро маҳфуз нигоҳ дошта омадаанд. Мардум дар замони кунунӣ низ аз ин вожаҳо босмарона истифода мебаранд. З-ин сабаб ба риштаи таҳқиқ кашидан ва ба риштаи умум гузаронидани ин истилоҳро яке аз мақсадҳои аввалиндараҷаи хеш гузоштем. Ва бо ин васила ба илму фан ҷиҳатҳои ноаёни ин мавзӯи умумро аён сохта, барои навгонӣ дохил намудан ба қадри имкон ҳаракат кардем то кӯшиши умумро ба харҷ диҳем.

**АДАБИЁТҲО:**

1. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик (Н. Маъсумӣ – Сталинобод, 1959).
2. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. (Луғатшиносӣ) (Ҳ. Маҷидов) – Душанбе, 2007.
3. Маҷидов, Ҳ. Калимаҳои иқтибосии туркӣ – муғулӣ дар забони тоҷикӣ (М. Муҳаммадиев). – Душанбе. Маориф, 1975.
4. Муҳаммадиев, М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ. (М. Муҳаммадиев). – Душанбе: Маориф, 1975.
5. Рауфов, Ҳ. С. Айнӣ ва лексикаи забони адабии тоҷик. (Ҳ. С. Рауфов. Душанбе: Дониш, 1978.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ .1-М. 1969.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2.-М. 1969.
8. Ҳомидов, Д. Шевашиносии тоҷик. (Д. Ҳомидов – Душанбе, 2009.
9. Ҷӯраев, Ғ. Лаҳҷаи арабҳои тоҷикзабон. (Ғ. Ҷӯраев – Душанбе: Дониш, 1975
10. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик (М. Эшниёзов) (дастури таълимӣ), Қ. 1.- Душанбе, 1977.


ISSN 2181-2632 www.involta.uz